«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Қурбонзода М.Р.
«___» ___________ с. 2026

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қосимзода Лутфия Шералӣ ҳамчун доктори фалсафа (PhD)-и кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Қосимзода Лутфия Шералӣ соли 2015 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯйи зинаи бакалавр хатм намуда, соли 2021 ба зинаи магистратураи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, онро соли 2022 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 15.10.2022 таҳти рақами № 08 Д/р ба ҳайси доктори фалсафа PhD, ихтисоси 6D020300 - Таърих дохил шуда, онро таҳти фармони № 27 Д/р аз 26.06.2025 хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Қосимзода Лутфия Шералӣ дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30.06.2023, №11 тасдиқ гардидааст. Инчунин бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои таърих, профессор Халилзода Давлаталӣ Халил (Алимов Давлаталӣ Халилович) таъин гардидааст.

Қосимзода Лутфия Шералӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) дар бораи хатми доктори фалсафа PhD аз 13.02.2026, таҳти № 01/49 дорад.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 17.02.2026, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисос барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дорад. Тибқи таҳқиқоти мазкур бояд қайд намуд, ки ҳаёти халқи тоҷик ҳамеша аз вуҷуд доштани роҳҳо вобастагии калон дошт. Маҳз роҳҳо буданд, ки тавассути онҳо корвонҳо бо давлатҳои хориҷӣ бахри рушди тиҷорат ва савдо рафтуо мекарданд.

Арзи вуҷуд намудани роҳҳо муносибатҳои иқтисодиро бо ноҳияҳои дохиливу берунии кишвар пайваст мекард. Ва вуҷуд доштани роҳҳои хуб ин нишонаи сатҳи инкишофи ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, вазъи муносибатҳои берунаро беҳтар менамояд.

Дар ҳоли кишвари мо, ки роҳҳои оҳан ниҳоят кам аст, таваҷҷуҳ ба роҳҳои нақлиётӣ бештар мебошад, чунки аз ин пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобастагии калон дорад. Бинобар он барои пешравии соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат соҳиби роҳҳои хуб будан шарти зарурӣро дорост. Яке аз мақсадҳои Ҳукумати кишвар доимо инкишоф додани роҳҳои нақлиётии кишвар ба шумор рафта, ҳамасола барои ин маблағҳои муайян ҷудо карда мешуданд.

Бояд гуфт, ки барои сохтмони роҳҳои нав ва такмил додани роҳҳои мавҷудаи автомобилгард, ки алоқаи устувори байни маркази ноҳияҳо, колхозу совхозҳо ва роҳҳои асосиро таъмин мекунанд, кори зиёде анҷом дода шуд. Ҳолати техникии роҳҳо беҳтар ва қобилияти борбардории иншоотҳои сунъӣ беҳтар шуд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои

1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 32 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқот муайян кард, ки дар шароити кӯҳсор нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти басо калон дорад. Қисми зиёди бори хоҷагии халқ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ кашонда мешавад. Отряди сершумори коркунони нақлиёт ва роҳсозони Тоҷикистон вазифаҳои масъулиятноки ба миён гузоштаро пурра иҷро намуда, кӯшиш намуданд, ки боз ҳам сермаҳсул кор кунанд ва ин боиси он гардид, ки вазъи роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боз ҳам беҳтар гардида, боиси пешравии ҳолати иқтисодию иҷтимоии минтақа гардад Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик метавонанд истифода бурда шаванд. Қайд кардан зарур аст, ки рушди роҳҳои ҷумҳурӣ дар вақти кутоҳ гузаронида шуд, ки барои саривақт таъмиру сохтмони роҳҳо баъзе душвориҳоро ба миён овард ва ин ба меъёрҳои муқаррарии техникӣ алоқамандии зич дошт. Аммо ба ин нигоҳ накарда сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар ҷумҳурӣ мунтазам ба пешравиҳо ноил гардид.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии

чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки роҳҳои кишвар имрӯз ҳам дар рушди давлатдории навин нақши ҳалкунанда мебозанд.

Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Алиева Л.Ш. История сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. Ч.1. – 2023. – №12. – С.42-48. (0,4 п.л.). ISSN: 2074-1847.

2. Алиева Л.Ш. Закономерная необходимость дорожного строительства в южных районах Таджикистана (1930-1960 гг.) [Текст] / Л.Ш. Алиева // Вестник университета (ТГПУ им. С. Айни). – 2023. – №12. – С.21-26. (0,35 п.л.). ISSN: 2219-5408.

3. Алиева Л.Ш. Таърихнигории сохтмони роҳҳо дар ҷануби Тоҷикистон (с. 1924-1950) [Матн] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №7. – С.71-77. (0,4 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

4. Алиева Л.Ш. Аз таърихи сохтмони роҳҳои хокӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Л.Ш. Алиева //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №9. – С.97-102. (0,35 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

5. Алиева Л.Ш. Вклад специалистов Российской Федерации в сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Л.Ш. Алиева // Материалы VIII Международной научно-практической конференции «Россия, Сибирь и Центральная Азия: взаимодействие народов и культур» и круглого стола с международным участием «Страны Центральной Азии в системе региональных и международных отношений в XIX и XXI вв.». – Барнаул: АлтГПУ, 19-20 апрели 2024. – С.19-28. (0,6 п.л.). ISBN 978-5-907487-63-5.

6. Алиева Л.Ш. Зарурияти омӯзиши таърихи сохтмони роҳҳо дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон (с. 1930-1950) [Матн] / Л.Ш. Алиева // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалии «Хонишҳои VI Артуч» бахшида ба «Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир», 4-6 июли соли 2024 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Ҷилди I. – С.109-116. (0,5 п.л.). ББК-87.889.7

7. Алиева Л.Ш. Сохтмони пуршиддати роҳҳо ва рушди нақлиёт дар солҳои 30-40-ум асри XX [Матн] / Л.Ш. Алиева // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)». – Бохтар, 2025. – С.562-573. (0,7 п.л.). ISBN 978-99985-27-28-7

**Ҷаласа қарор кард:**

1.Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D0203301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D0203301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 17.02.2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раис, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.т.: **Мирзоев Ғ.Ш.**

Котиби маҷлис: **Қурбонова М.**

Имзои Мирзоев Ғ.Ш. ва М. Қурбоноваро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Нажмидинов М.М.**

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар
кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел: 2-23-64, 2-22-53, www.btsu.tj,
почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru